*Ба Шурои диссертатсионии* 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (*734025, ш. Душанбе,* кучаи Мирзо Турсунзода 30)
*E-mail:* rajabova@rambler.ru

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи “Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гардидааст.**

Бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, инкишофи илм ва рушди техника ҷорӣ намудани инноватсия ва идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Бояд гуфт, ки ҳадафи чоруми рушд – саноатикунонии босуръат дар Стратегияи миллии рушд қайд шудааст, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки барои ишғол намудани мавқеи худ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба рушди устувори инноватсионӣ диққати махсус зоҳир намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки имрӯз корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла соҳаи саноати хӯрокворӣ дар сатҳи зарурӣ ба натиҷаҳои рушди устувори инноватсионӣ ноил нагашта, рақобатпазириро дар дохили кишвар таъмин карда натавонистаистодаанд. Аз ин рӯ, зарурати дастгирии корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби давлат ҷиҳати таъмин ва азнавбарқарорсозии онҳо ба миён меояд.

Сарфи назар аз таъсири омилҳои манфии солҳои охир, аз ҷумла паҳншавии бемории сироятии КОВИД-19, низоъҳои тиҷоратӣ, муноқишаҳои минтақавӣ, халалдор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсири бевоситаи онҳо ба иқтисоди миллӣ ба мо муяссар шуд, ки ба идоракунии низоми инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ диққати махсус диҳем. Зеро ин соҳа ба таъмини амнияти хӯрокворӣ нақши калидӣ мебозад.

Унвонҷӯ Носирзода Ҳусейн дар автореферат қайд менамояд, ки рушди устувор асосан ба ҷори намудани инноватсия татбиқ гардида, зери таъсири бевоситаи он метавонад динамикаи истеҳсолии маҳсулоти хӯрокворӣ рушд кунад. Албатта, ҷорӣ намудани инноватсия ҳамчун омили асосии бартарафсозии мушкилоти ҷойдоштаи корхона ва рушди фаъолияти инноватсионии санотӣ мегардад.

Ҷойи дигар қайд мешавад, ки бештари давлатҳои тараққикарда барои рушди устувори инноватсионӣ ба ташаккули афзалиятҳои иқтисодию иҷтимоӣ, сармоягузории мустақим, иқтидорҳои илмӣ-техникӣ ва тезонидани суръати илму техника кӯшиш менамоянд. Аз ин хотир, корхонаҳои саноатии кишвари мо низ

метавонанд бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ҳамгироии илмиро мустаҳкам намоянд.

Ҳадафҳои рушди устувори инноватсионӣ дар автореферат қайд шуда, унвонҷӯ бар он назар аст, ки ҳадафҳои овардашуда, пеш аз ҳама ба корхонаҳои саноати хӯрокворӣ низоми идоракунии инноватсионии онро мустаҳкам мегардонад.

Аз рӯйи таҳлилҳои овардашудаи Носирзода Ҳ.С. фаҳмида мешавад, ки вазъи имрӯзаи соҳаи саноати хӯрокворӣ дар сатҳи зарурӣ набуда, номукамалии идоракунии инноватсияҳо ба миён омадааст. Аз ин хотир, унвонҷӯ барои идоракунии рушди устувори инноватсионӣ дар расми 1. унсурҳои асосии устувори фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворииро инъикос намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Ҳамзамон, муаллиф асосҳои институтсионалии таъмини рушди инноватсионии саноатро дар замони муосир дар расми 2. тавсир намуда, онро ҳамчун асоси рушди инноватсионӣ медонад, ки он ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муҳаққиқ дар автореферат қайд мекунад, ки механизмҳои идоракунии имрӯзаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашуда, онҳо ин соҳаро ба ноустувории рушди саноати хӯрокворӣ оварда расонидаанд. Аз ин лиҳоз, аз ҷониби унвонҷӯ дар автореферат як чанд механизмҳои таъсиррасон ба идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯроковрӣ ба табъ расидааст.

Муаллиф қайд менамоянд, ки дар Ҷумҳурии Узбекистон барои рушди устувори иқтисодиёт як чанд фондҳо ташкил карда шудаанд, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои идоракунии инноватсионӣ накши муҳим мебозанд. Аз ин лиҳоз, ташкили чунин фондҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки вобаста ба масълаи мазкур, яъне идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ унвонҷӯ дар хулосаю пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ муфассал оварда шудаанд, ки ҳамаи онҳо қобили дастгирӣ мебошанд.

Натиҷаҳои бадастовардаршудаи кори диссертатсионӣ дар асоси муқарраротi пешниҳодгардида ва роҳҳои татбиқи афзалиятҳои идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар заминаи дастгирии давлатӣ асоснок шудаанд. Сарфи назар аз он, ки мазмуни автореферат имкон медиҳад, ки ба кори рисола баҳои мусбат дода шавад ва он як қатор саволҳоро низ ба миён овард:

1. Дар автореферати диссертатсия корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои инноватсия, идоракунии он, рушди устувори инноватсионӣ кам ба назар мерасад.

2. Масъалаҳои танзими давлатӣ ва ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо дигар сохторҳои давлатӣ низ аз назари унвонҷӯ дур мондааст.

3. Ҳадафҳои стратегии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквории дар кори илми унвонҷӯ аз мадди назар дур мондааст.

Хулоса, бояд ҳаминро қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроковрӣ)" дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботи КОА-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**баҳисобгирии бухгалтерии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Дадоматов Д.Н.**

*Имзои д.и.и., дотсент Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ менамоям:*

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 735700, мкр-н 17, хонаи 1, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, почтаи эл. t.silbp@rambler.ru Тел: +992 (34) 222-38-11, Факс: +992 (34) 222-51-70